# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар забоншиносии тоҷик нахустин таҳқиқи илмӣ оид ба «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ буда, ба таҳлилу таҳқиқи ибораҳои номии дорои насри мусаҷҷаъ дар рисолаҳои ин шоиру орифи маъруф бахшида шудааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ба мушоҳида мерасад, ки дар диссертатсияи мавриди назар бори нахуст дар забоншиносии тоҷик «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, асосан, қолабҳои ибораоройӣ, навпардозиҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, арзишҳои адабию ирфонӣ, забону услуби эҷодӣ ва мавқеи ибора дар қиссаву ҳикояҳои таъсирбахши ин орифи маъруф ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Илова бар ин, дар диссертатсия сохтори грамматикии ибораҳои номӣ баррасӣ гардидааст. Ғайр аз ин, хусусиятҳои корбурди ибора, таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ таҳқиқ шудааст. Ибораҳо аз рӯйи алоқаҳои пешояндӣ, изофӣ ва ҳамроҳӣ таҳқиқ гардидаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро метавон ҳангоми таълими фанҳои лексикология, морфология, услубшиносӣ, муайян намудани ҷанбаҳои наҳвии забон истифода бурд. Маводи рисола ҳамчунин ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити таълимӣ доир ба таърихи забони адабии тоҷикӣ, наҳв истифода шуда метавонад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли

2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 4 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи докторанти PhD фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои асосӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Тоҷидинзода Парвина кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Низомова Санавбар Фахриевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино».

– **Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи АМИ Тоҷикистон,
сарходими илмии Институти забон ва адабиёти
ба номи А. Рӯдакии, АМИТ
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳасан Баротзода

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва амалияи забоншиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоева М.М.

«27» марти соли 2025.